# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Завқизода Солеҳ Амин дар мавзӯи «Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Завқизода С.А. фарогири ҷанбаҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо буда, муаллиф паҳлуҳои гуногуни мавзуи таҳқиқшавандаро дар масири 30 соли даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст.

Мубрамии мавзуъ аз муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он ба уҳдаи судя масъулияти баланди аз номи давлат амалӣ намудани адолати судиро вогузор намудааст, бармеояд. Ин ҳолат ба судя ҳамчун таъминкунандаи адолат масъулияти калонро вогузор менамояд. Иҷрои ин вазифаи муқаддас ва пурмасъул тақозо менамояд, ки роҳҳои нав ва муосири интихоби судя, тайёр намудан, баланд бардоштани савияи дониш ва талаботи меъёрҳои ахлоқӣ нисбати ӯ таҳқиқ карда шавад. Зеро аз иқтидори судя ба тариқи дахлдор амалӣ намудани адолати иҷтимоӣ алоқамандӣ дорад, ки ин худ омили асосии ноил гардидан ба боварии ҷомеа ва баланд бардоштани мақому нуфузи ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Дар ин давра баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули як қатор барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ рушд ёфт. Зимнан бояд таъкид намуд, ки масъалаҳои назариявӣ, амалӣ, таҳлили

қонунгузорӣ, ташаккул ёфтани механизмҳои ташкилӣ-ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан ва ҷобаҷогузории судяҳо, коромӯз-судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, такмили ихтисоси муттасили судяҳо ва талаботи умумии меъёрҳои этикаи касбӣ, умумият ё тафовут доштани ин механизмҳо бо таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ аз ҷониби олимони ватанӣ таҳқиқ нашудаанд.

Дар ин замина мубрамии дигари мавзуи таҳқиқшаванда аз он сарчашма мегирад, ки мустақилият ва беғаразии судро танҳо судяе таъмин карда метавонад, ки аз рӯйи принсипҳои беғаразӣ, шаффофӣ, ахлоқӣ, тайёрии амиқи касбӣ, ҷаҳонбинии васеъ, таҷрибаи ҳаётидошта ва ғайра интихоб ва таъин карда шавад. Ин принсипҳо ва амсоли инҳо дар асоси омӯзиши санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ бояд дар низоми ҳуқуқии миллӣ ҳамчун талабот нисбат ба судя, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя, раванди ташкили таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо ва этикаи касбии судя ҷой дода шаванд. Чунин ҳолат зарурати омӯзиши бештари ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии мавзуи мазкурро ба вуҷуд овардаст.

Бояд иброз намуд, ки асоснокии мавзуи таҳқиқот ба талаботи амалӣ намудани як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун заминаҳои бунёдӣ ва тавзеҳдиҳанда, ба монанди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, барномаҳои миллӣ ва силсилабарномаҳоиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ (дар чор марҳила, барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021), Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва ғайра нигаронида шудааст. Мубрамии дигари мавзуъ аз мухтавои санадҳои мазкур ва ҳадафҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гардидаанд, бармеояд. Чунончӣ, дар ин Стратегия қайд гардидааст: “Таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, такмили раванди

судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, ҳимояи манфиатҳои давлат, таъмини волоияти қонун ва адолат самтҳои муҳими рушд ва таҳкимдиҳии давлатдории мардуми тоҷик мебошад". Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомдодаи Завқизода С.А. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити имрӯза мубрамии хоси худро доро мебошад.

Аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи Завқизода С.А. чунин хулоса намудан мумкин аст, ки он дар ҳамбастагӣ бо назария ва таҷрибаи пешқадами як қатор давлатҳо ба анҷом расида, диссертант мушкилиҳоеро, ки дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа ба рушди соҳа таъсир мерасонанд, коркард намуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххаси илман асоснокро ироа менамояд.

Гуфтаҳои болозикр бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони имрӯза омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам буда, барои соҳа аҳамият доштани таҳқиқоти диссертатсионии диссертантро исбот менамоянд.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, бояд қайд намуд, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.11 – фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Завқизода С.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Завқизода С.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Завқизода Солеҳ Амин дар мавзуи «Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси ихтисоси 12.00.11 – фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043 назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Диноршоҳ Азиз Мусо** – ҷонишини директори иҷроияи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Рустамзода Алишер Қосим** – сардори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факулети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – “**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон”** таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 10 марти соли 2023, соати 10:00 таъин карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Шарифзода Ф.Р.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Назарзода Н.Ҷ.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Амрудинзода М.А.